**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D051000- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 –Амнияти иқтисодӣ)**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09 декабри соли 2025, № 4**

Барои сазовор донистани Ғафурзода Сорбон Хушдил, шахрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D051000- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 –Амнияти иқтисодӣ)

Диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил дар мавзуи «Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 –Амнияти иқтисодӣ) ба ҳимоя 30 сентябри соли 2025 (протоколи № 1.7.) қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи 2022, тахти №17/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ғафурзода Сорбон Хушдил докторанти фалсафа (PhD)-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон 14 октябри соли 1993 дар шаҳри Панҷакент дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик мебошад. Оиладор, соҳиби 1 фарзанд.

Ғафурзода Сорбон Хушдил соли 2011 ба факултаи туризм ва хадамоти гумрукии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) дохил шуда, соли 2015 аз рӯйи дараҷаи бакалаврӣ донишгоҳро хатм намудааст.

Соли 2019 донишгоњи болозикрро аз рӯи дараҷаи магистрӣ бо ихтисоси идораи давлатӣ хатм намудааст.

Соли 2019 то соли 2022 ба ҳайси докторанти (PhD) – и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар мавзуи «Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти диссертатсионӣ бурдааст.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ҷабборов Фатҳулло Амриевич** - н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Қодирзода Диловар Баҳриддин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
- **Ашурзода Ашур Нурулло**- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёти соҳаҳо ва идораи Донишгоњи техникии Тољикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

**Муассисаи пешбар:** Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввали директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муртазозода О. таҳия гардида, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудааст. Тақриз дар ҷаласаи муштараки Раёсати таҳлил ваояндабинии иқтисодиёти соҳавӣ, Раёсати таҳлил ваояндабинии масъалаи соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ ва Раёсатиояндабинии масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, суратмаҷлиси №1, аз 12 ноябри соли 2025 баррасӣ ва аз тарафи директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ Усмонзода Х. У. аз 17 ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст.

Дар пешниҳоди муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Ғафурзода Сорбон Хушдил ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад.

Аз рӯи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи докторант (PhD) дар мавзуи «Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои доктор (PhD) ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шакку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи

ихтисоси 6D051000- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 – Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**а) Мақолахое, ки дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Ғафуров С. Х. Асосҳои назариявии механизми идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон – Душанбе, 2021. - № 1(44), Ч.II, С. 135-143
2. Ғафуров С. Х. Методҳои идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - №4 (43) . – С. 157-165
3. Гафуров С. Х. Концептуальные основы инновационной деятельности [Текст] / Ғафуров С. Х., Рахимов А.А.//Финансово-экономический Вестник Таджикский государственный финансово-экономический университет - Душанбе, 2022. - №3 (32). – С. 237-243
4. Ғафуров С. Х. Таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - №7. – С. 149-157
5. Ғафуров С. Х. Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - №2 (43) . – С. 157-165
6. Ғафуров С. Х. Ҷанбаҳои методии арзёбии амнияти иқтисодии соҳаи саноат [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - №4/1 (54) . – С. 120-128
7. Мирсаидов С.А., Ғафуров С. Х. Такмили сиёсати саноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати иктисодиёт [Матн] / Мирсаидов С.А., Ғафуров С. Х. // Паёми молия ва иқтисод. - Душанбе, 2024. - №4.1 (43) . – С. 70-80
8. Ғафуров С. Х. Имкониятҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои

саноати коркард дар шароити рушди инноватсионӣ [Матн] / Ғафуров С. Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - №1 (56) . – С. 108-117

*б) дар дигар нашриёҳо:*

9. Ғафуров С. Х. Нақши инноватсия дар фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Омодасозии кадрҳо бо ҳадафи рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (10.04.2020). – Душанбе, 2020. - С.399-404.

10. Ғафуров С. Х. Рушди технологияҳои инноватсионӣ дар саноатикунонии босуръат. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Танзими давлатии санотикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (30.09.2020). – Душанбе, 2020. - С.22-26

11. Одиназода К. С., Ғафуров С. Х. Ҳадафҳои стратегии саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ. [Матн] / Одиназода К, С., Ғафуров С. Х. // Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор; таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (13.10.2020). – Душанбе, 2020. - С.204-209

12. Гафуров С. Х., Наджмиддинзода А, Давлатов А. Концептуальные подходы исследования инноваций. [Текст] / Гафуров С. Х., Наджмиддинзода А, Давлатов А. // Индустриально-инновационное развитие экономики Республики Таджикистан; состояние, проблемы и перспективы. Материал республиканскую научно-практическую конференцию. (26.12.2020). – Душанбе, 2020. - С.147-151.

13. Ғафуров С. Х. Фаъолияти инноватсионӣ ва нақши он дар рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Методҳои омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (03.04.2021). – Душанбе, 2021. - С.52-56.

14. Ғафуров С. Х. Механизми дастгирии давлатии инкишофи корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (28.05.2022). – Душанбе, 2022. - С.90-96.

15. Ғафуров С. Х. Развитие механизма ускоренной индустриализации в условиях перехода к цифровизации в Республике Таджикистан. [Текст] / Гафуров С. Х. // Совершенствование финансово-кредитных отношений как основа реализации четвертой национальной цели - ускоренной индустриализации страны. Материалы международной научно-практической конференция. (29. 05. .2022). – Душанбе, 2022. - С.298-304.

16. Ғафуров С. Х. Арзёбии вазъи муосири идоракунии давлати рушди

индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. . Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (25.11.2022). – Душанбе, 2022. - С.532-535.

17. Ғафуров С. Х. Такмилдиҳии механизми инноватсионии танзими давлатии ҳолатҳои бӯҳронӣ дар корхонаҳои саноатӣ. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Танзими давлатии зиддибӯҳронии бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (26.09.2022). – Душанбе, 2022. - С.29-33.

18. Ғафуров С. Х. Таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Қудрати забони модарӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ" бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ. . Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (18.02.2023). – Душанбе, 2023. - С.247-250

19. Ҷабборов Ф. А., Ғафуров С. Х. Роҳҳо ва равишҳои таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. [Матн] / Ҷабборов Ф. А., Ғафуров С. Х. // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (27.05.2023). – Душанбе, 2023. - С.5-10

20. Ғафуров С. Х. Баҳодиҳии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикуонии босуръат. Маводи конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ (31.05.2024). – Душанбе, 2024. - С.146-150.

21. Ғафуров С. Х. Методҳои таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат. [Матн] / Ғафуров С. Х. // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (24-уми октябри соли 2024) ш. Душанбе, саҳ 230-233.

22. Гафуров С. Х. Развитие механизма обеспечения экономической безопасности предприятий при внедрения цифровых технологии. [Текст] /Гафуров С. Х.// Материалы международной научно-практической конференции на тему"Государственное управления индустриально-инновационым развитием промышленных предприятий в условях цифровизации экономики Республики Таджикистан" (24 октября 2024 года ) г. Душанбе, стр 49-54.

23. Ғафуров С. Х. Ташаккули механизми иқтисодиёти рақамӣ ва накши он дар таъмини амниятии иқтисодии корхонаҳои саноатӣ. [Матн] / Ғафуров С.

Х.// Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Менеҷменти асри XXI: мушкилот ва дурнамои рушд” (31-уми октябри соли 2024) ш. Душанбе, саҳ 315-319.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**Исмоилов М. М. -** д.и.и., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

Чун тавсия барои корҳои оянда қайд менамоем, ки пешниҳодҳои сиёсӣ ва идоракунӣ, ки дар охири таҳқиқот оварда шудаанд, арзишманданд, вале барои татбиқи амалии онҳо метавонанд бо нишон додани марҳилаҳои иҷро ва манбаъҳои молиявии дастгирӣ мукаммал гарданд.

**Мирзоалиев А. А.-** д.и.и., и.в. профессори кафедраи менеҷмент маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст.

1. Дар бахши тавсияҳо низ ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои татбиқи амалии онҳо бояд возеҳтар нишон дода шаванд.

**Ульмасов Р. У.-** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати хориҷии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст.

1. Бисёр ба маврид мебуд, агар дар доираи таҳқиқоти мазкур дар миёни намояндагони соҳаи саноат ё аҳолӣ пурсишномаҳои илмӣ гузаронида мешуданд ва натиҷаҳои онҳо дар матни автореферат инъикос мегардиданд. Ин равиш имкон медод, ки натиҷаҳои назариявӣ бо маълумоти амалӣ пурратар асоснок карда шаванд.

**Акилҷанов Ф. Ш. -** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёи байналмилалии МДТ “Донишгоҳи технологии Тоҷикистон” бо чунин эрод пешниҳод гардидааст.

Бо вуҷуди ин, ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот пурсишҳои илмӣ миёни намояндагони соҳаи саноат, соҳибкорон ва коршиносон гузаронида, натиҷаҳои онҳоро ба таври оморӣ таҳлил менамуд. Ин усули эмпирикӣ имкон медод, ки хулосаҳои назариявӣ бо маълумоти таҷрибавӣ пурратар асоснок шаванд.

**Султонов М. С. -** н.и.и., саромӯзгори кафедраи молияи МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” бо чунин эрод пешниҳод гардидааст.

1. Дар баъзе ҷадвалҳо ва диаграммаҳо лозим аст андозаи ҳарф ва унвонҳо каме возеҳтар гардонида шаванд, то хонанда маълумотро дақиқтар дарк намояд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 6D051000- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 – Амнияти иқтисодӣ) интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** мафҳумҳои калидии илмӣ, ки бевосита ба таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт вобаста мебошанд, аз ҷумла: «амнияти иқтисодӣ», «устувории саноатӣ», «рушди инноватсионӣ», «хавфҳои иқтисодӣ», «рақобатпазирии корхона», «идоракунии стратегӣ» ва «механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти иқтисодӣ». Муайян гардидааст, ки таъмини амнияти иқтисодӣ дар корхонаҳои саноати коркард раванди мураккаби бисёрсамта буда, омилҳои истеҳсолӣ, молиявӣ, технологӣ ва институтсионалиро фаро мегирад.
- **пешниҳод шудааст:** унсурҳо ва равандҳои асосии механизми таъмини амнияти иқтисодӣ дар корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва гурӯҳбандӣ карда шудаанд, аз ҷумла: арзёбии вазъи иқтисодӣ ва молиявӣ; муайянсозии хавфҳои дохилӣ ва беруна; ташаккули иқтидори инноватсионӣ; истифодаи самараноки захираҳо; идоракунии хароҷот ва даромаднокӣ; таъмини устувории технологӣ; мониторинг ва назорати доимии нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ. Нақши чораҳои инноватсионӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани устувории фаъолияти истеҳсолӣ асоснок карда шудааст. Механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти иқтисодӣ ҳамчун низоми бисёрсатҳаи идоракунӣ тавсиф карда шуда, он ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, идоракунии соҳавӣ ва идоракунии дохилии корхонаҳоро дар бар мегирад. Бо дарназардошти мушкилоти мавҷудаи институтсионалӣ, технологӣ ва захиравӣ дар соҳаи саноати коркард, маҷмӯи тадбирҳои амалӣ ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва таҳкими устувории корхонаҳо пешниҳод шудааст.
- **асоснок карда шудааст,** ки дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт таҳкими амнияти иқтисодии соҳаи саноат бояд пеш аз ҳама ба такмили идоракунии стратегӣ, рушди иқтидори илмӣ-техникӣ, рақамигардонии равандҳои истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф ва рақобатпазир равона гардад. Нишон дода шудааст, ки истифодаи инноватсияҳо

имконият медиҳад вобастагӣ аз омилҳои берунӣ коҳиш ёфта, устувории молиявию истеҳсолии корхонаҳои саноати коркард тақвият ёбад..

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо онҳо асоснок карда шудааст:**

**Ҷанбаҳои назариявӣ.** Асоси назариявии тадқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат, идоракунии хавфҳои иқтисодию технологӣ, механизмҳои такмили идоракунии корхонаҳои саноатӣ, инчунин принсипҳо ва усулҳои идоракунии инноватсионӣ равона шудаанд. Дар тадқиқот таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ доир ба ташкили системаҳои ҳифзи иқтисодӣ, идоракунии хавфҳо ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар саноат низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Методҳои тадқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот маҷмӯи васеи усулҳои илмӣ, аз ҷумла абстраксияи илмӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, таҳлили муқоисавӣ, муносибати иқтисодӣ-оморӣ, таҳлили таърихӣ-мантиқӣ ва усулҳои умумии таҳқиқоти иқтисодӣ истифода шудаанд. Ҳамчун усули асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб гардид, ки мувофиқи он мантиқи умумии тадқиқот, пайдарпаии таҳлил ва асосноккунии хулосаҳои диссертатсионӣ тарҳрезӣ шудааст. Ин равиш имкон дод, ки механизми таъмини амнияти иқтисодии саноат ҳамчун як низоми мураккаби ба ҳам алоқаманд ва аз омилҳои гуногун вобаста ташхис ва таҳлил карда шавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муқаррароти назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ таҳия гардидаанд. Ин корҳо дар асоси омӯзиши шароит ва омилҳои ташаккулу рушди соҳаи саноат, таҳлили ҷараёнҳои иқтисодию технологӣ ва асоснок кардани роҳҳои беҳтарсозии амнияти иқтисодии корхонаҳо анҷом дода шудаанд. Ҳамчунин, тамоюлҳои асосии рушди корхонаҳои саноатӣ ва самтҳои минбаъдаи таҳкими амнияти иқтисодии онҳо муайян карда шуданд.

- асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии таъмини амнияти иқтисодии саноат мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷамъбасти назариявӣ ва таҳлили адабиёти илмии соҳа иҷро шудааст. Дар ин замина моҳият, вазифа, принсипҳо ва нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодии саноат бозбинӣ ва такмил дода шуданд.
- бори аввал моҳият ва хусусияти амнияти иқтисодии саноат ҳамчун раванди таъминкунандаи устувории доимии иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳо асоснок гардид. Ин раванди муҳим ба такмили доимии воситаҳои истеҳсолот, технологияҳо ва идоракунӣ вобаста буда, муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунанда, истеъмолкунанда ва инфрасохтори бозори саноатро ба вуҷуд меорад ва устувории онро таъмин менамояд.

- заминаҳои концептуалии такмили низоми идоракунии амнияти иқтисодии саноат таҳия шудаанд. Дар онҳо таҳкими фаъолияти инноватсионӣ, такмил додани идоракунии фондҳои асосӣ, рақамисозии равандҳо, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирӣ ва пешниҳодҳои методӣ оид ба беҳтар намудани шароит ва низоми идоракунии амнияти иқтисодӣ асоснок мегарданд.

- механизми такмилёфтаи идоракунии амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, бо дарназардошти таъминоти сармоягузорӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ пешниҳод шудааст. Тавсияҳо ба он равона шудаанд, ки устувории молиявӣ, ҳифзи иқтидори истеҳсолӣ, кам кардани хавфҳои технологӣ, афзоиши даромаднокӣ ва истифодаи самараноки захираҳои стратегӣ таъмин карда шаванд.

**- дар натиҷаи** таҳқиқот коркарди муқаррароти назариявию методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба самаранокии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди соҳа ва асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани он, инчунин муайян кардани тамоюли ҳолат, ҷараёни инкишоф ва самтҳои минбаъдаи рушди механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат , ки бо истифода аз фишангҳои инноватсионӣ сурат гирифтааст;

– **ошкор карда шудааст,** ки дар раванди таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат, хусусан дар корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор маҳдудиятҳо ва мушкилоти ҷиддӣ ба назар мерасанд. Ба чунин мушкилот дохил мешаванд: маҳдуд будани бозори дохилӣ ва сатҳи пасти ҳамгироии иқтисодии хориҷӣ; рушди нокифояи инфрасохтори саноатӣ, логистикӣ ва нақлиётӣ; нокифоя будани иқтидори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ дар таъмини нерӯи барқ; таъсирбахш набудани механизмҳои дастгирии давлатӣ; мавҷуд будани монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ дар воридоту содирот; нокифоии ҳамоҳангии идоракунии соҳавӣ; алоқамандии камқувват доштани барномаҳои дастгирии беруна бо сиёсати миллии саноатӣ; мушкилоти таъмини маблағгузорӣ барои технологияҳои пешрафта; номукаммал будани ҳавасмандгардонии андозӣ ва нокифоии дастгирии молиявию қарзӣ; мавқеи пасти кишвар дар рейтингҳои байналмилалии рақобатпазирӣ ва фазои бизнес. Ин омилҳо ҳамчун таҳдидҳои мустақим ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард арзёбӣ мешаванд.

– **омӯхта шудаанд:** санадҳои амалкунандаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ, стратегияҳои рушди саноат, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба инноватсия, устувории иқтисодӣ ва ҳифзи рақобатпазирии корхонаҳо. Дар асоси ин таҳлилҳо асоснок карда шудааст, ки мутобиқсозии низоми баҳодиҳӣ ва идоракунии амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард ба талаботи муосири рушди устувор ва идоракунии корпоративӣ (бо такя ба меъёрҳои шаффофият, масъулият, истифодаи самараноки захираҳо ва идоракунии хавфҳо)

метавонад яке аз роҳҳои муҳими такмили механизмҳои идоракунии дохилии корхонаҳо бошад. Пешниҳод шудааст, ки ҷорӣ намудани стандартҳои миллӣ оид ба устувории истеҳсолӣ, мониторинг ва баҳодиҳии хавфҳо, беҳтар намудани механизмҳои татбиқи технологияҳои нав ва идоракунии корпоративӣ метавонад устуворӣ, рақобатпазирӣ ва амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркардро тақвият диҳад.

**Аҳммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд:**

**- аҳамияти амалии таҳқиқоти** анҷомдодашуда дар он аст, ки татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонад барои ташаккули стратегияи самарабахш оид ба баланд бардоштани механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат муфид бошад. Инчунин, тавсияҳо ва пешниҳодҳои кор дар фаъолияти ниҳодҳои давлатие,ки баҳри пешбурди соҳаи саноат мувазаф ҳастанд, ҳамзамон дар коркарди барномаҳои соҳаи саноат истифода хоҳанд шуд.

**- натиҷаҳои таҳқиқоти методологию назариявии** гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун манбаи иттилоот барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии барномаву стратегияҳои давлатӣ дар самти таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат баромад намуда, муқаррароти назариявии таҳқикот, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмии таҳқиқот доир ба самаранокии механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт мавриди истифода қарор гирифта шаванд;

**- коркард ва ҷори карда шуд:** муқаррароти ҷудогонаи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун назарияи илман асосннокшуда дар амалия татбиқ карда шуданд ва тасдиқ гардиданд (Санади №15-92 аз 15. 05, 2025). Инчунин, маводи диссертатсия дар раванди таълим дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқ аз 13.05.2025 с. № 086).

**- истифодаи муқаррароти назариявӣ** ва методии диссертатсия дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои “Иқтисод ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ”, “Амнияти иқтисодӣ” “Иқтисоди корхона”, “Иқтисоди соҳибкорӣ”, “Банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхонаҳо” ва ғайраҳо истифода намудан мумкин аст.

**- асосноккунии** механизми ташкилӣ - иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат таҳия шуда, равандҳои асосии ҷорисозии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноат, унсурҳои алоҳидаи ин механизм таҳлил ва барои ҳалли мушкилоти сохтори иерархии бисёрсатҳии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат пешниҳодҳои илман асоснок карда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон доданд, ки:**

- таҳлили хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироашуда, инчунин сатҳи илмии онҳо нишон медиҳад, ки муаллиф дар ҷараёни таҳкиқот ба таври мунтазам ва эҷодкорона дастовардҳои назариявию методологии олимони шинохтаи соҳаи иқтисод, аз ҷумла муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро истифода намуда, онҳоро бо хусусиятҳои иқтисоди миллӣ ва объекти тадқиқот мутобиқ кардааст;

- иттилоот ва маълумотҳои дар тадқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дорои эътимоднокӣ буда, ҳаҷми маводи таҳлилӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои илмии асоснок кофӣ мебошад. Муаллиф коркарди мақсадноки маълумотҳои омории расмӣ ва манбаъҳои дигари иттилоотиро бо риояи талаботи методологӣ амалӣ намудааст;

- дар раванди анҷом додани таҳқиқот усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ ба таври васеъ истифода гардида, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, низоммандсозӣ ва коркарди маълумотҳои дақиқ бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир таҳия ва асоснок карда шудаанд.

-**ғояи асосии диссертатсия** дар асоси паёмҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, диссертатсия ба барномаҳои давлатӣ дар соҳаи саноат, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ, ҳисоботҳои вазорату идораҳои дахлдор, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои байналхалқии молиявӣ, натиҷаҳои таҳлиливу хулосаҳои институтҳои давлатӣ низ асос ёфтааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Саҳми шахсии муаллиф дар он ифода меёбад, ки кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф шахсан анҷом дода шуда, интихоби усули тадқиқот, ҳалли масъалаҳо ва ҳисобҳо мустақилона анҷом дода шудаанд. Ҳама марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсия, ки аз таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамии он, инчунин мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот иборатанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд.

- **дар ҷараёни** таҳқиқот муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар таҳия ва асосноккунии самтҳои асосии идоракунии самараноки ин раванд дар Тоҷикистон, муайян намудани мушкилотҳо дар таъмини амяти иқтисодӣ дар соҳаи мазкур ва бартараф намудани онҳо саҳми худро гузоштааст.

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар нашрияҳои бонуфуз (аз ҷумла 8 макола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

- **натиҷаҳои асосии таҳқиқоте**, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тӯли солҳои 2019-2025 ба тариқи маърӯза пешниҳод гардидаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 аз 9 декабри соли 2025 қарори сазовор донистани Ғафурзода Сорбон Хушдил, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D051000- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 –Амнияти иқтисодӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 4 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор –нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ Юнусзода Х.Қ.

«9» декабри соли 2025

Ҷ.М